# ТАҚРИЗ

**оид ба рисолаи номзадии аспирант Мирабдулқаюм Ансорӣ барои дарёфти унвони номзади илмҳои биология аз рӯи ихтисоси 03.01.05 – «физиология ва биохимияи растаниҳо»**

Мирабдулқаюм Ансорӣ (шаҳрванди ҶИА) ҳамчун аспиранти кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ солҳои 2020 корҳои илмӣ – тадқиқотиро гузарондааст.

Унвонҷӯй Мирабдулқаюм Ансорӣ рисолаи номзадии худро дар асоси нақшаи кории илмӣ – тадқиқотӣ, васоити методӣ, ва супоришоти ба ӯ додашуда дар солҳои 2015-2018 иҷро намудааст, мавзӯи рисолаи номзадии ӯ ба яке аз масъалаҳои мубрами физиология ва биохимияи растаниҳо мансуб буда, ба омӯзиши равандҳои физиологияи экологии зироати равғандиҳандаи соя аз ҷумла, ба рушду нумуъ ва таъсири омилҳои иқлимӣ ба маҳсулнокии биологияи наъҳои ин зироат бахшида шудааст.

Корҳои тадқиқотии саҳроӣ ва лабораторӣ оиди таъсири меъёрҳои гуногуни ғизои фосфорӣ дар минтақаҳаи Шимолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (Балх, Бағлон, Самангон) ба рушду нумуъ ва дигар нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии навъҳои соя аз тарафи унвонҷӯ гузаронида шудаанд.

Корҳои тадқиқотии унвонҷӯ бо эътимод нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои гуногуни экологӣ Шимолии Афғонистон таъсири меъёрҳои гуногуни нурии фосфорӣ натиҷаҳои мусбии назаррас дошта, миқдори моддаҳои асосии захиравии дони навъҳои сояро зиёд менамояд.

Ҳамчун роҳбари илмӣ чунин меҳисобам, ки маълумотҳои ба дастовардаи унвонҷӯ ба талаботи асноди меъёрӣ ва дастурҳои методию илмии соҳа ҷавобгӯ буда, он аз донишу малакаи аниқ ва васеъи назариявии амалии муаллиф дарак медиҳад.

Бешубҳа, натиҷаҳои илмӣ – тадқиқотии ба даст овардаи муаллиф аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, барои васеъ паҳн шудани ин зироати аҳамияти озуқавӣ дошта, дар минтақаҳои Шимоли Афғонистон

мусоидат менамояд. Унвонҷӯ дар рафти корҳои тадқиқотӣ бисёр усулҳои саҳроӣ ва лабораторий физиологиро хуб истифода намудааст.

Рисолаи номзадӣ аз муқаддима, 4 боб, хулосаҳо ва феҳристи адабиётҳои истифодашуда иборат буда, тибқи тартиби муқарраргардида таҳия шудааст.

Ҳамин тавр, мазмун ва мундариҷаи рисолаи номзадии Мирабдулқаюм Ансорӣ ва дониши назариявию амалии ӯро ба назар гирифта, рисолаи мазкурро барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимияи растаниҳо пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои биология, профессор А.Эргашев